**ТАСДИҚ ШУДААСТ**
Бо Фармони №69 аз 15 майи соли 2026
Директори генералии ҶДММ «Гавҳари Шарқ»
Имомов М.Д.

# Қоидаҳои Иқдоми Ҳавасмандгардонии Бурднок

ш. Душанбе, соли 2026

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1.1.

Иқдоми бурдноки «Snickers Football» (минбаъд — «Иқдом») иқдоми ҳавасмандгардонии таблиғотӣ мебошад, ки маҷмӯи чорабиниҳои рекламавиро дар бар гирифта, ҳадафи он ҳавасманд намудани фурӯши маҳсулоти таҳти тамғаи молии «Snickers» мебошад. Ҳамзамон иштирок дар Иқдом харидани билети махсус ё пардохти иловагиро талаб намекунад. Ҳуқуқи иштирок дар Иқдом ба пардохт барои чунин иштирок вобаста нест ва бо харидани ягон билети махсуси лотерея алоқаманд намебошад. Фонди мукофотии Иқдом аз ҳисоби Ташкилкунанда ташаккул дода мешавад.

## 1.2.

Ҳудуди баргузории Иқдом қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 1.3.

Маҳсулоте, ки дар Иқдом иштирок мекунанд (минбаъд — «Маҳсулот»), SNICKERS нашри махсус мебошанд, ки дар бастаи онҳо ба ҷойи номи Snickers калимаҳои махсуси «GOAAAAL», «CORNER», «HANDBALL», «OFFSIDE», «REDCARD», «PENALTY», «OWNGOAL», «VAAAAR», «FOOOUL» ҷойгир карда шудаанд ва нашри махсуси маҳсулоти иштироккунандаи Иқдомро ифода мекунанд:

- Батончики Snickers 50г «GOAAAAL»
- Батончики Snickers 50г «CORNER»
- Батончики Snickers 50г «HANDBALL»
- Батончики Snickers 50г «OFFSIDE»
- Батончики Snickers 50г «REDCARD»
- Батончики Snickers 50г «PENALTY»
- Батончики Snickers 50г «OWNGOAL»
- Батончики Snickers 50г «VAAAAR»
- Батончики Snickers 50г «FOOOUL»
- Батончики Snickers 80г «GOAAAAL»
- Батончики Snickers 80г «CORNER»
- Батончики Snickers 80г «HANDBALL»
- Батончики Snickers 80г «OFFSIDE»
- Батончики Snickers 80г «REDCARD»
- Батончики Snickers 80г «PENALTY»
- Батончики Snickers 80г «OWNGOAL»
- Батончики Snickers 80г «VAAAAR»
- Батончики Snickers 80г «FOOOUL»

## 1.4.

Арзиши маҳсулоти Snickers, ки дар Иқдом иштирок мекунад, аз арзиши маҳсулоти шабеҳи берун аз муҳлати баргузории Иқдом зиёд нест. Бо ҳамин, ҳангоми харидани маҳсулоти иштироккунандаи Иқдом, Иштирокчӣ барои иштирок дар Иқдом ягон маблағи иловагӣ пардохт намекунад. Иштирок дар Иқдом ихтиёрӣ мебошад.

**Эзоҳ:** Зери арзиши маҳсулот арзиши фурӯши таъминкунанда фаҳмида мешавад, зеро арзиши ниҳоии маҳсулот аз ҷониби фурӯшанда муайян карда мешавад.

### 1.5.

Дар бораи баргузории Иқдом Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ карда шудааст.

# 2. МАФҲУМҲОЕ, КИ ДАР ҚОИДАҲО ИСТИФОДА МЕШАВАНД

### 2.1.

Иштирокчии Иқдом — шахси воқеии қобили амал, ки ба синни 18-солагӣ расидааст, истеъмолкунандаи инфиродӣ мебошад, ки маҳсулотро харидорӣ намуда, аз бақайдгирии онлайн гузаштааст ва номи бастаи промоиро мувофиқи механикаи иштирок дар Иқдом дар сомонаи www.snickers.com скан кардааст.

### 2.2.

Колл-марказ — +992 37 236 0605, ки барои иртиботи иштирокчиён ва гирифтани маълумот оид ба қоидаҳои Иқдом пешбинӣ шудааст.

### 2.3.

Комиссияи экспертӣ — кормандоне, ки аз ҷониби Ташкилкунанда барои назорати риояи ҳамаи шартҳои баргузории Иқдом ҷалб карда шудаанд.

# 3. ТАШАББУСКОР ВА ТАШКИЛКУНАНДАИ ИҚДОМ

### 3.1.

Ташаббускори Иқдом: ҶДММ «Марс Казахстан», суроғаи почтавӣ: Ҷумҳурии Қазоқистон, ш. Алмаато, кӯч. Кунаева 77, ошёнаи 15, дар асоси Шартномаи чорчӯбавӣ аз 01 октябри соли 2025.

### 3.2.

Ташкилкунандаи Иқдом: ҶДММ «Гавҳари Шарқ», суроғаи почтавӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Ҷ. Расулов 9/18.

# 4. ИШТИРОКЧИЁНИ ИҚДОМ

## 4.1.

Ба иштирок дар Иқдом шахсони воқеии қобили амал, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд ва маҳсулоти дар банди 1.3 Қоидаҳои мазкур муайяншударо ба миқдори на камтар аз 1 (як) дона харидорӣ намудаанд, роҳ дода мешаванд.

Шарти иловагӣ барои ғайрирезидентҳо — доштани ПИН (рақами мушаххаси инфиродӣ), ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

## 4.2.

Ба иштирок дар Иқдом кормандони Ташаббускор ва Ташкилкунанда, инчунин аъзои оилаи онҳо; шахсони воқеие, ки бо Ташаббускор ва Ташкилкунанда шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба амалисозии Иқдом доранд; кормандони ташкилотҳое, ки барои баргузории Иқдом ҷалб шудаанд, инчунин аъзои оилаи онҳо роҳ дода намешаванд.

# 5. МЕХАНИКАИ ИҚДОМ

## 5.1.

Барои иштирок дар Иқдом зарур аст, ки аз лаҳзаи гирифтани иҷозат то 14 августи соли 2026 шакли бақайдгирии онлайнро пур намуда, ному насаб ва рақами телефони мобилиро ворид намоед.

Маҳсулоти иштироккунандаи Иқдомро мутобиқи банди 1.3 Қоидаҳои мазкур харидорӣ намуда, номи бастаи промоии маҳсулоти Snickers-ро дар шакли махсус дар сомонаи www.snickers.com («Сомона») скан намоед.

Механикаи муфассали иштирок дар Иқдом дар сомонаи www.snickers.com ҷойгир шудааст.

## 5.2.

Мукофоти кафолатнок барои бақайдгирӣ.

## 5.3.

Шартҳои сканкунӣ: Дар Иқдом маҳсулоти Snickers (50г ва 80г) бо навиштаҷотҳои «GOAAAAL», «CORNER», «HANDBALL», «OFFSIDE», «REDCARD», «PENALTY», «OWNGOAL», «VAAAAR», «FOOOUL» иштирок мекунанд.

### 5.3.1.

Дар давоми 7 рӯз Иштирокчӣ метавонад на бештар аз 9 (нӯҳ) бастаи промоиро скан намояд — як бастаи ҳар яке аз 9 намуди дизайн, ки дар банди 5.3 нишон дода шудаанд.

### 5.3.2.

Ҳар як бастаи нодири сканшуда (дизайн) ҳамчун 1 (як) имконияти иштирок дар бурднок ҳисобида мешавад.

## 5.4.

Маҳдудиятҳо:

### 5.4.1.

Як Иштирокчӣ наметавонад дар тамоми давраи Иқдом зиёда аз 1 (як) маротиба дар Сомона бақайд гирифта шавад.

### 5.4.2.

Қоидаи як мукофот ва тартиби муайян намудани ғолибон: Дар доираи як ҳафтаи тақвимӣ ҳар як Иштирокчӣ метавонад на бештар аз 1 (як) мукофоти ҳафтаинаро ба даст орад.

Ҳангоми муайян намудани ғолибон бо истифода аз генератори рақамҳои тасодуфӣ барои ҳар як мукофот ҳамзамон 1 (як) ғолиби асосӣ интихоб карда мешавад.

### 5.4.3.

Супоридани мукофот: Дар ҳолате, ки ҳангоми муайян намудани ғолибон ғолиби асосӣ дар давоми як ҳафтаи тақвимӣ такроран интихоб гардад, натиҷаи чунин интихоб бекор карда шуда, мукофот аз нав бозӣ карда мешавад.

### 5.4.4.

Иштироки минбаъда: Гирифтани мукофоти ҳафтаина ҳуқуқи Иштирокчиро барои иштироки минбаъда дар Иқдом ва гирифтани мукофотҳо дар ҳафтаҳои баъдӣ маҳдуд намекунад.

## 5.5.

Тартиби бақайдгирии маълумот ва маҳдудиятҳо:

### 5.5.1.

Қоидаҳои бақайдгирӣ ва давраи азнавсозӣ (7 рӯз): Иштирокчӣ мустақилона вазни маҳсулотро («GOAAAAL» 50г ё «GOAAAAL» 80г) барои бақайдгирӣ интихоб мекунад.

### 5.5.2.

Манъи такрорӣ дар давраи амал: То лаҳзаи азнавсозии маълумот ҳар як навиштаҷоти нодир метавонад танҳо 1 (як) маротиба дар система бақайд гирифта шавад.

Бақайдгирии такрории навиштаҷоти якхела ҳисоб карда намешавад, ҳатто агар:

- Иштирокчӣ кӯшиш кунад ҳамон вазнро бори дуюм сабт намояд;
- Иштирокчӣ кӯшиш кунад вазни дигарро бо ҳамон навиштаҷот сабт намояд.

Бекорсозии ҳамаи маълумоти бақайдгирифташуда ҳар 7 (ҳафт) рӯзи тақвимӣ аз оғози Иқдом анҷом дода мешавад.

Дар давоми як давраи ҳисоботӣ Иштирокчӣ метавонад на бештар аз 9 (нӯҳ) навиштаҷоти нодирро сабт намояд.

### 5.5.3.

Ҷадвали ягонаи бекорсозии маълумот муқаррар карда мешавад: ҳамаи имкониятҳои ҷамъшуда ҳар 7 (ҳафт) рӯзи тақвимӣ аз санаи оғози Иқдом аз нав бекор карда мешаванд.

### 5.5.4.

Қоидаи мазкур барои ҳамаи Иштирокчиён ҳамзамон татбиқ мегардад, новобаста аз санаи воқеии бақайдгирии онҳо дар Сомона.

Барои иштироки минбаъда дар давраи нав Иштирокчӣ бояд харидҳои нав анҷом дода, бастаҳоро аз нав скан намояд.

## 5.6.

Факти иштирок дар Иқдом маънои розигии пурраи Иштирокчиро бо Қоидаҳои мазкур ва инчунин розигии ӯро ба коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумоти шахсӣ аз ҷониби Ташкилкунанда дорад.

## 5.7.

Ташкилкунандаи Иқдом ҳуқуқ дорад дар бораи мутобиқати мурочиатҳои гирифташуда барои бақайдгирии иштирокчиён ба Қоидаҳои мазкур якҷониба қарор қабул намояд.

## 5.8.

Саволҳои вобаста ба иштирок дар Иқдом метавонанд тавассути колл-марказ бо рақами +992 37 236 0605 ё тавассути бахши «Алоқаи бозгашт» дар сомонаи www.snickers.com ирсол карда шаванд.

# 6. МӮҲЛАТИ БАРГУЗОРИИ ИҚДОМ

## 6.1.

Муҳлати умумии баргузории Иқдом — аз лаҳзаи гирифтани иҷозат то 14 августи соли 2026.

## 6.2.

Муҳлати умумии бақайдгирии иштирокчиён: аз соати 10:00-и 18 майи соли 2026 то соати 10:00-и 14 августи соли 2026.

## 6.3.

Муҳлатҳои бақайдгирӣ барои иштирок дар бурднокҳои ҳафтаина дар банди 8.1 Қоидаҳои мазкур оварда шудаанд.

# 7. ФОНДИ МУКОФОТӢ

## 7.1.

Фонди мукофотӣ аз ҳисоби маблағҳои худии ташкилкунандаи иқдом ташаккул дода мешавад.

## 7.2.

Фонди мукофотӣ аз мукофотҳои зерин иборат аст:

| № | Номи мукофот | Шумораи умумии мукофотҳо | Шумораи мукофотҳои ҳафтаина барои бурднок | Арзиши фонди мукофотӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | PlayStation 5 | 4 дона | Дар ҳафтаҳои 2, 6, 10 ва 13 — 1 донагӣ | 26 720 TJS |
| 2 | Абонементи тӯҳфавӣ аз X-Fit барои 3 моҳ | 8 дона | Дар ҳафтаҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 — 1 донагӣ | 19 200 TJS |
| 3 | Mi Band 10 | 54 дона | Дар ҳафтаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 ва 11 — 4 донагӣ. Дар ҳафтаҳои 12 ва 13 — 5 донагӣ | 29 700 TJS |
| 4 | Сертификати тӯҳфавӣ аз Rabex ба маблағи 1000 сомонӣ | 12 дона | Дар ҳафтаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11 ва 12 — 1 донагӣ | 12 000 TJS |
| 5 | Сертификати тӯҳфавӣ аз Rabex ба маблағи 2000 сомонӣ | 12 дона | Дар ҳафтаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11 ва 12 — 1 донагӣ | 24 000 TJS |

| № | Номи мукофот | Шумораи умумии мукофотҳо | Шумораи мукофотҳои ҳафтаина барои бурднок | Арзиши фонди мукофотӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 6 | Тӯби футболи Adidas League Champions Trionda 2026 | 10 дона | Дар ҳафтаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 7, 8, 9, 11 ва 13 — 1 донагӣ | 10 300 TJS |

**Арзиши умумии фонди мукофотӣ:** 121 920,00 TJS

## 7.3.

Андозҳое, ки қисми ҷудонашавандаи мукофот мебошанд, аз ҷониби Ташкилкунанда ҳамчун агенти андоз пардохт карда мешаванд. Иштирокчӣ уҳдадор нест ин андозро пардохт намояд.

## 7.4.

Супоридани бурдҳо мутобиқи шартҳои баргузории Иқдом анҷом дода мешавад.

## 7.5.

Мукофотҳо барои сокинони шаҳри Душанбе дар дафтари Ташкилкунанда супорида мешаванд, барои сокинони дигар минтақаҳо — тавассути ирсоли сертификат ба маълумоти тамосии ҳангоми бақайдгирӣ пешниҳодшуда.

## 7.6.

Мукофотҳо на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи муайян шудани ғолиб супорида мешаванд.

## 7.7.

Ташкилкунанда уҳдадор аст на дертар аз 10 рӯз пас аз муайян намудани натиҷаҳо онҳоро дар ВАО нашр намояд.

# 8. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҒОЛИБОН

## 8.1.

Ғолибони мукофотҳо мувофиқи ҷадвали дар Қоидаҳои мазкур муайяншуда дар байни ҳамаи иштирокчиёни дуруст бақайдгирифташуда муайян карда мешаванд.

## 8.2.

Ғолибон ба таври тасодуфӣ бо истифода аз рандомайзер муайян карда мешаванд.

# 9. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ БУРДНОК ВА СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲО

## 9.1.

Тартиби баргузории бурднок мутобиқи шартҳое амалӣ мегардад, ки аз ҷониби Ташкилкунанда тасдиқ шудаанд.

## 9.2.

Барои баргузории бурднок комиссияи иборат аз на камтар аз 3 нафар таъсис дода мешавад.

## 9.3.

Пеш аз бурднок комиссия шумораи умумии имкониятҳои ҷамъшударо дар реестр сабт намуда, базаро барои сабтҳои нав мебандад.

## 9.4.

Бурднок бо истифода аз барномаи интихоби тасодуфии ғолиб баргузор мегардад ва дар Instagram-канали Rushon.TJ мустақим пахш карда мешавад.

## 9.5.

Рӯйхати ғолибон дар Instagram-канали Rushon.TJ нашр карда мешавад.

## 9.6.

Дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ пас аз муайян шудани ғолибон Ташкилкунанда бо ғолиб тавассути рақами телефони ҳангоми бақайдгирӣ пешниҳодшуда тамос мегирад.

## 9.7.

Агар иштирокчӣ дар муҳлати муқарраршуда (10 рӯз) барои гирифтани мукофот муроҷиат накунад, мукофот ба Ташкилкунанда баргардонида мешавад.

# 10. ТАРТИБИ ОГОҲСОЗИИ ИШТИРОКЧИЁН

# 10.1.

Иштирокчиён дар бораи Қоидаҳо ва муҳлати баргузории Иқдом бо роҳҳои зерин огоҳ карда мешаванд:

- тавассути ҷойгир намудани Қоидаҳо дар сомонаи www.snickers.com